## ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шуро диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №4

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 15.03.2023, № 4

Барои сазовор донистани Давлатова Розиямо Қамбаровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзуи "Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)" аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика) 28-уми декабри соли 2022, суратмаҷлиси №5 аз тарафи Шуро диссертатсионии 6D.КОА-015-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10), ки он дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №11/шд таъсис дода шудааст, ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Давлатова Розиямо Қамбаровна 10-уми январи соли 1979 дар ноҳияи Восеъ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Номбурда муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24-и ноҳияи Восеъро соли 1996 бо баҳои хубу аъло хатм намуда, соли 1997 тариқи супоридани имтиҳони дохилшавӣ ба шуъбаи рӯзонаи ихтисоси "Иқтисодиёт ва идоракунии КАС"-и факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 1998 ба шуъбаи ғоибонаи ихтисоси "Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳо" интиқол ёфтааст. Соли 2002

Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси мазкур бомуваффақият хатм намудааст.

Соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Аз соли 2019 то инҷониб дар раёсати таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси мутахассис фаъолият намуда истодааст. Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Низамова Туҳфамо Давлатовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Рауфӣ Абдуғаффор** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

**Ҷабборов Фатҳулло Амриевич** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба сифати муассисаи пешбар тақризи худро, ки аз ҷониби ташхисгар – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Каримов Р.А. таҳия шудааст, пешниҳод кардааст.(тақриз замима шудааст).

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, суратҷаласаи №7 аз 27 январи соли 2023 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, мудири кафедра, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қаюмов Ф.Ғ., ташхисгар - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедра Каримов Р.А. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Исоқов М.Т. имзо шуда, аз тарафи ректори муассиса, доктори

илмҳои иқтисодӣ, профессор, Шарифзода М.М. санаи 30.01.2023 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи “Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)” аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҳамчун кори илмӣ-тадқиқотии мустақил ва ба анҷомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Давлатова Розиямо Қамбаровна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

[1-М]. Давлатова Р.Қ., Исоева Д.Э. Истифодаи усулҳои инноватсионӣ ҳамчун таъмини рақобатпазирӣ ва рушди корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе 2019. - № 9. – С.132-137.

[2-М]. Давлатова Р.Қ. Маҳсулоти саноатӣ ва хусусиятҳои идоракунии рақобатпазирии он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе 2020. – № 10-1. – С.25-29.

[3-М]. Давлатова Р.Қ. Таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2021. – № 3 (27). – С.160-166.

[4-М]. Давлатова Р.Қ. Асосҳои назариявӣ-методологии баҳодиҳии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. - 2021. № 7. – С.83-90.

[5-М]. Низамова Т. Д., Давлатова Р.Қ. Истифодаи оқилонаи захира ва имкониятҳо бо мақсади баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ// Паёми политехникӣ (Бахши Интелект, Иноватсия, Инвеститсия). – Душанбе, 2022. – №1(57). – С. 66-70.

Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:

[6-М]. Давлатова Р.Қ. Омилҳои рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саноаткунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт», (ш.Душанбе, 27.02.2020 с.) – Душанбе, 2020. – С.354-358.

[7-М]. Давлатова Р.К. Управление конкурентоспособностью предприятий легкой промышленности Республики Таджикистан // Материалы общеуниверситетского научно-теоретического круглого стола на тему «Актуальные проблемы менеджмента в современных условиях» (г. Душанбе, 20-декабря 2019г.). – Душанбе, 2020г. – С.74-76 (в соавт.).

[8-М]. Давлатова Р.Қ. Асосҳои назариявии рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар / Конференсияи байналхалқии илмию амалӣ дар мавзӯи «Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ», (ш.Душанбе, 13.10.2020.). – Душанбе, 2020. – С.547-552.

[9-М]. Давлатова Р.Қ. Имкониятҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабуки ватанӣ / Материалы республиканской научно-практической конф. «Непрерывное профессионально-электронное обучение в условиях глобализации» (Душанбе, 22 октября 2021 г.). – Душанбе, 2021. – 250 с. (с. 28-37).

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

1. **Мӯҳсинова П.А.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон, МДТ ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

- Дар саҳифаи 14 автореферат, ҷадвали 1 оид ба динамикаи нишондиҳандаҳои асосии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020 оварда шудааст. Хуб мешуд, агар унвонҷӯ чунин ҷадвалро оид ба рушди соҳаи саноати сабуки ҷумҳурӣ таҳия намуда, тамоюлҳои онро муайн мекард.

- Дар автореферат баъзе камбудиҳои имловию техникӣ ба чашм мерасад.

2. **Ҷамшедов М** - д.и.и., дотсенти кафедраи иқтисод ва ташкили соҳибкории ДДТТ бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

- Расми 1-и автореферат овардашуда (саҳ.11) ба пуррагӣ таҳлили худро наёфтааст, ки хулосаи муаллифро оид ба на ҳама унсурҳои сохтори механизми идоракунии рақобатпаззирии корхонаҳои саноати сабук дар шароити муосир мушаххас менамояд, ки агар он ба назари эътибор гирифта мешуд, боз ҳам мазмуну мундариҷаи авторефератро бой менамуд. Ҳамзамон расм мушаххастар мешуд, агар муаллиф лоақал сохтори идоракунии ягон намуди зерсоҳаҳои саноати сабук (хӯрокворӣ, бофандагӣ ва ғайраҳо)-ро дар расм ҷой дода, мавриди таҳлил қарор медод.

3. **Амонова Д.С.** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон бо чунин камбудиҳо пешниҳод шудааст:

1. Хубтар мешуд, агар муаллиф дар шакли ҷадвал ва ё расм нуқтаи назар ва фарзияҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ (аз он ҷумла Русия)-ро оид ба идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ, ки ба ин самт бахшида шудаанд, оварда мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медод.

4. **Фатҳуллозода А.Ф.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи

иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДДК ба номи А.Рӯдакӣ чунин эродҳо пешниҳод намудааст:

1. Мувофиқи мақсад мебуд, агар диссертант дар асоси усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ омилҳои рақобатпазириро таҳлил намуда, дар ин асос дурнамои рушди соҳаи саноати сабуки ҷумҳуриро ҳисоб мекард.

2. Дар автореферат баъзе хатоиҳои имловӣ ва техникӣ дида мешавад.

5. **Маҳкамов Б.Б. -** номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ чунин эродҳо пешниҳод намудааст:

1. Таҳлили маводи автореферат нишон медиҳад, ки унвонҷӯ сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳуриро бо истифодаи нишондиҳандаи ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои алоҳида дар маҷмуи маҳсулоти соҳа, ҳиссаи корхонаҳо дар ҳаҷми содироти маҳсулот, арзиши асосии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва дигар нишондиҳандаҳо муайян ва баҳогузорӣ намудааст. Аз нуқтаи назари мо хуб мешуд, агар диссертант дигар нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабукро таҳлилу таҳқиқ менамуд;

2. Дар автореферати рисолаи илмӣ баъзе хатоиҳои имловӣ, услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шуро диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар рафти иҷро кардани тадқиқоти илмӣ:**

- дар асоси банизомдарорӣ ва таҳқиқи назарияҳои классикӣ, неоклассикӣ ва муосир назарияи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ инкишоф ва такмил дода шуда, таркибдиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулот ошкор гардида, заминаҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхона асоснок карда шуданд;

- методология ва принсипҳои такмилёфтаи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхона пешниҳод карда шудаанд, ки

гурӯҳбандии намудҳои идоракунӣ ва пешниҳоди принсипҳои нави ташкили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабукро дар бар мегиранд;

- омилҳо ва нишондиҳандаҳои ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулот таъсиррасон мушаххас карда шуда, нақши марказӣ доштани омили инсонӣ ва дигар омилҳои калидии таъмини рақобатпазирӣ гурӯҳбандӣ ва маънидод шудаанд;

– омилҳои таъмини иқтидори рақобатӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таҳлилу баҳогузорӣ шуда, муҳимтарини онҳо ошкор гардидаанд;

– имкониятҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ муайян карда шуда, дар ин замина тавсияҳо, аз он ҷумла оид ба амалкарди низоми мукаммали идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук пешниҳод гардидааст;

– самтҳои афзалиятноки тақвияти фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати сабук муайян карда шуда, ҷиҳати истифодаи васеи роҳу усулҳои инноватсионӣ дар ҳама самтҳои фаъолияти онҳо, ки барои зиёд намудани афзалиятҳои рақобатӣ ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук мусоидат менамояд, тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- мавриди омӯзиш қарор додани ҷанбаҳои назариявию методии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ;

- мушаххас гардонидани принсипҳо ва омилҳои ба рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсирбахш, инчунин гурӯҳбандии намудҳои идоракунӣ ва пешниҳоди принсипҳои нави ташкили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук;

- таҳлилу баррасии вазъ ва тамоюли рушди маҳсулоти соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назардошти рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук;

- муайян кардани самтҳо ва имкониятҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ, коркарди пешниҳодоти илман асоснокшуда оид ба самтҳои афзалиятноки тақвияти фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ;

- баррасӣ кардани таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба амалкард ва такмили низоми мукаммали идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук ва дар ин асос пешниҳоди тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба истифодаи онҳо дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои тадқиқоти илмии бадастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- муқаррароти асосӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаю пешниҳодоти амалии он имкон медиҳад, ки рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таъмин карда шавад.

- нуқтаҳои илман асоснокардашуда ва хулосаю пешниҳодоти диссертатсия метавонанд барои коркарди заминаҳои методологӣ ва ҷиҳатҳои амалии барномаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- *назария* дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ ва ташаккулу рушди рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук асос ёфтааст;

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, барномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳо, баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумоти омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор маводи конференсияҳо ва дигар маводи таҳлилию таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот бобати расидан ба ҳадафи гузоштшуда, аз ҷумла интихоби

мавзӯъ ва тахияи нақшаи он, асосноккунии сатҳи мубрамияти он, муайян намудани мақсаду вазифаҳо ва ноил гардидан ба онҳо ифода ёфтааст. Муаллиф дар ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, асосноккунии заминаҳои баландбардорӣ ва такмили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук, таҳлилу баҳодиҳии вазъи кунунии корхонаҳои соҳа ва коркарди тавсияҳо ҷиҳати баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти онҳо саҳми бевоситаи худро гузошта, хулосаю пешниҳодоти илмиро ба даст овардааст ва дар асоси онҳо мақолаҳои илмиро чоп намудааст.

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 9 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки тӯли солҳои 2019 – 2022 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза шудаанд.

Дар маҷлиси Шуро диссертатсионӣ аз 15 марти соли 2023 қарори сазовор донистани Давлатова Розиямо Қамбаровна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Муовини раиси
Шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., и.в.профессор — Ҳамроев Ф.М

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

Санаи барасмиятдарории хулоса 15 марти соли 2023

# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 15 марти соли 2023, № 04 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсия дар мавзуи "Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ" (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика), тақризи роҳбари илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи милли Тоҷикистон Низамова Туҳфамо Давлатовна, тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ - Рауфӣ Абдуғаффор – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Ҷабборов Фатҳулло Амриевич - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоев Олимҷон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳисайн Раҳимович ва доктори илмҳои иқтисодӣ Қурбонзода Маҳмадалӣ Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзуи "Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ" (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Давлатова Розиямо Қамбаровна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика) дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Давлатова Розиямо Қамбаровна бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид -нест, бетараф -нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шуро: Мӯҳтарам аъзоёни Шурои диссертатсионӣ! Ягон савол ё пешниҳод оид ба тартиби гузаронидани ҷаласаи Шуро ҳаст?. Нест!

Раиси Шуро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзоёни Шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Муовини раиси
Шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., и.в.профессор — Ҳамроев Ф.М.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

15.03.2023.